**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

аз «01» ноябри соли 2021 № 315/ОИ. ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА-044 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Маҳмадаминов Маҳмадалӣ Назирович дар мавзӯи «Методические основы использования уравнений и неравенств при изучении химии как средства реализации межпредметных связей 8-9 классов» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (химия) бинобар риоя нагардидани талаботи 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505) ва банди 10 Дастурамал дар бораи санҷиши диссертатсияҳо оид ба мавҷуд будани асардуздӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2019, №9) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Маҳмадаминов Маҳмадалӣ Назирович рад карда шавад.
3. Баррасии такрории диссертатсияи Маҳмадаминов Маҳмадалӣ Назирович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.
4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.

5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2021, №8.

Раис Розиқзода А.